**Шартномаи № 25/26**

**ш. Душанбе** «31» июли с. 2026

ҶСК "Барқи Тоҷик" дар шахсияти Директори генералӣ Асозода М. Ш., ки дар асоси Оиннома амал менамояд ва дар оянда «Фармоишгар» номида мешавад, аз як тараф ҶДММ "Лоиҳаи сохтмони аср" дар шахсияти Директор Раҳмонов М.Т., ки дар асоси Оиннома амал менамояд ва дар оянда «Иҷрокунанда» номида мешавад, аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ «Тарафҳо» номида мешаванд, шартномаи мазкурро бо шартҳои зерин ба имзо расониданд:

**1. Мавзуи шартнома**

1.1."Иҷрокунанда" ӯҳдадор мешавад, ки бо супориши "Фармоишгар", ҳуҷҷатҳои харҷномавии «Лоиҳакашии тоза намудани обпартои Марказӣ ва канали Дериватсиони дар ҳудуди ноҳияи Вахши вилояти Хатлон»-ро (минбаъд Корҳои лоиҳакашӣ) таҳия намояд, "Фармоишгар" бошад ӯҳдадор мешавад натиҷаи Корҳои лоиҳакаширо қабул намуда, мутобиқи шартҳои шартномаи мазкур арзиши онҳоро пардохт намояд.

1.2. "Фармоишгар" ба "Иҷрокунанда" ҷиҳати иҷрои Корҳои лоиҳакашӣ супориши техникӣ медиҳад, инчунин дигар маълумотҳои ибтидоиеро, ки барои таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-харҷномавӣ заруранд пешниҳод менамояд.

1.3. "Иҷрокунанда" ӯҳдадор мешавад тамоми Корҳои лоиҳакаширо ба таври пурра, гарчанде бевосита дар шартномаи мазкур нишон дода нашуда ва махсус қайд карда нашуда бошанд ҳам, аммо аз мазмун ва мундариҷаи корҳои дар банди 1.1. бармеояд ба анҷом расонад.

1.4. "Иҷрокунанда" корҳои лоиҳакаширо дар муддати 20 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи имзои Шартномаи мазкур тибқи талаботи М Қ С Ҷ Т бояд иҷро намояд.

1.5."Иҷрокунанда" фаъолияти худро дар асоси Иҷозатномаи ҶТ, Силсила ДБ-2 таҳти №0000201 аз «31» январи соли 2023 дода шудааст, амалӣ менамояд.

**2. Арзиши корҳо ва тартиби пардохт.**

2.1. Арзиши тамоми Корҳои лоиҳакашӣ тибқи харҷнома маблағи 139 596,00 (Яксаду сию нӯҳ ҳазору панҷсаду наваду шаш,00) сомониро бо дар назардошти андозҳо ташкил медиҳад.

2.2. Пардохт аз ҷониби "Фармоишгар" бо роҳи гузаронидани маблағҳо ба суратҳисоби "Иҷрокунанда" бо чунин тартиб сурат мегирад:

2.2.1. Пешдардохт дар ҳаҷми то 50 % (панҷоҳ фоиз) аз маблағи умумӣ пас аз ба имзо расонидани Шартномаи мазкур.

2.2.2. Маблағи боқимондаи Корҳои лоиҳакашӣ тибқи шартномаи мазкур иҷрошаванда дар муддати 20 рӯзи корӣ пас аз супоридани корҳои лоиҳавию харҷномавии иҷрогардида тибқи санади қабулу супоридан ва баъди гирифтани хулосаи мусбии экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-харҷномавӣ бо пешниҳоди ҳисобнома аз ҷониби Иҷрокунанда барои пардохт;

2.3. Ӯҳдадории "Фармоишгар" оид ба пардохти Корҳо аз лаҳзаи ба суратҳисоби "Иҷрокунанда" ворид гардидани маблағҳои пулӣ иҷрошуда ҳисобида мешавад.

**3. Ӯҳдадориҳои "Иҷрокунанда"**

Барои иҷрои корҳо аз руи шартномаи мазкур ва бо дарназардошти арзиши дар банди 2.1.-й шартномаи мазкур нишондодашуда "Иҷрокунанда" ӯҳдадор аст:

.1. Тамоми Корҳои лоиҳакаширо дар мӯҳлати 20 рӯзи тақвимӣ пас аз имзои шартномаи мазкур бо сифати лозима тибқи меъёру қоидаҳои сохтмонӣ (МКС) иҷро намуда, натиҷаи онро ба "Фармоишгар супорад.
3.2. Талаботи дар супориш ва дигар маълумоти ибтидоии барои лоиҳакашӣ мавҷударо риоя намуда, корҳоро қатъиян бо назардошти онҳо ва меъёру қоидаҳои сохтмонӣ иҷро намояд.
3.3. Танҳо бо розигии хаттии "Фармоишгар" аз талаботи дар супориш ва дигар маълумоти ибтидоӣ дарҷ гардида сарфи назар намояд.
3.4. Ҳуҷҷатҳои таҳиягардидаи лоиҳавӣ-харҷномавиро бо "Фармоишгар" ва дар сурати зарурат якҷоя бо "Фармоишгар" бо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва мақомоти хокимияти маҳаллӣ ба мувофиқа расонад ва вобаста ба гирифтани хулосаи мусбии экспертизаи давлатӣ тамоми чораҳоро андешад.
3.5. Ба "Фармоишгар"ҳуҷҷатҳои омодаи таҳиянамудаи худро бо санади "супоридан ва қабул" супорад.
3.6. Бе мувофиқаи хаттии "Фармоишгар" ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро ба шахсони сеюм надиҳад.
3.7. Дар сурати зоҳир шудани нуқсонҳо дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавии тайёрнамудааш, аз ҳисоби худ, дар мӯҳлатҳои бо "Фармоишгар" мувофиқашуда, онҳоро аз сари нав иҷро намояд.
3.8. "Иҷрокунанда" ба "Фармоишгар" оид ба мавҷуд набудани ҳуқуқи шахсони сеюм нисбати ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ, ки ба иҷрои корҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои техникии таҳиянамудаи "Иҷрокунанда" монеъ шаванд ё иҷрои онҳоро маҳдуд созанд, кафолат медиҳад.
3.9. Ҳама ӯҳдадориҳои худро, ки аз бандҳои баъдинаи шартномаи мазкур бармеоянд, дар ҳаҷми пурра иҷро намояд.
3.10. Дар сурати талаб намудани "Фармоишгар", дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи талаб намудани нусхаи ба тариқи нотариалӣ тасдикшудаи оиннома, иҷозатнома, тавозуни муҳосибавии ҷамъият, ки аз тарафи мақомоти андоз тасдик карда шудааст, маълумот дар бораи кормандони мухандисӣ-техникӣ (аз рӯи маълумот ва касб), иктибос аз фехристи ягонаи шахсони ҳуқуқӣ ва дигар маълумотҳои заруриро пешниҳод намояд.

**4. Ӯҳдадориҳои "Фармоишгар"**
4.1. Ба "Иҷрокунанда" тибқи шартҳои муқаррарнамудаи шартномаи мазкур маблағҳои пешбинигардидаро пардохт намояд.
4.2. Якҷоя бо "Иҷрокунанда" нисбати ба мувофиқа расонидани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ бо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ иштирок намояд.
4.3. "Иҷрокунанда"-ро ба парванда оид ба даъвоҳое, ки шахсони сеюм иисбат ба "Фармоишгар" вобаста ба камбудиҳои ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ пешниҳод менамоянд, ҷалб кунад.
4.4. Арзиши корҳои иҷрошударо ба Иҷрокунанда пардохт намояд.

**5. Тартиби супоридан ва қабули кор ва хизматрасониҳо**
5.1. «Иҷрокунанда» дар баробари ба итмомрасонидани корҳои лоиҳакашӣ пас аз пардохти маблаги пурраи шартнома тавассути санади «супоридан ва қабул», ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро дар шумораи мувофиқашуда на кам аз 4 нусха ба "Фармоишгар" пешниҳод менамояд.
5.2. "Фармоишгар" дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро мавриди таҳлил қарор дода, имзо менамояд ё дар сурати ошкор шудани камбудиҳо, «Иҷрокунанда»-ро дар ин бора огоҳ намуда, ҳуҷҷатҳоро барои коркард боз мегардонад.

5.3. Коркарди ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро тибқи эродҳои асосноккардашудаи "Фармоишгар", "Иҷрокунанда" дар мӯҳлатҳои мувофиқашуда, аз ҳисоби худ анҷом медиҳад ва бо тартиби муқарраршуда аз сари нав ба "Фармоишгар" пешниҳод менамояд.

**6.Форс–мажор**

6.1. Ягон тараф барои пурра ё қисман иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ масъулият надорад, агар иҷро накардани ӯҳдадориҳои он дар натиҷаи таъсири қувваи рафънопазир рӯй дода бошад ва қувваи рафънопазир бевосита ба иҷрои ӯҳдадориҳо таъсир расонида бошад. Дар доираи шартномаи мазкур ҳамчун қувваи рафънопазир ҳолатҳои зерин дониста мешаванд:

- обхезӣ; заминҷунбӣ; сӯхтор; дигар офатҳои табиӣ; ҷанг ё амалиётҳои харбӣ; корпартоиҳои миллӣ; санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ.
- нисбати руй додони ҳолатҳои форс-маҷорӣ тарафҳо якдигарро хаттӣ огоҳ менамоянд.

6.2. Дар ҳолати зиёда аз 3 (се) моҳ, давом кардани холатҳои қувваи рафънопазир ё оқибати онҳо, "Иҷрокунанда" ва "Фармоишгар" чӣ гуна чораҳо андешиданро барои давом додани амали шартномаи мазкур мавриди муҳокима қарор медиҳанд. Агар тарафҳо дар мӯҳлати 2 (ду) моҳ ба созиш омада натавонанд, онгоҳҳар кадоме аз онҳоҳуқук доранд бекор намудани шартномаро талаб намоянд.

6.3. Руй додани ҳолатҳои форс-маҷорӣ "Иҷрокунанда"-ро аз баргардонидани он воситаҳои пулие, ки у ҳануз онҳоро бо иҷро намудани корҳо хисобӣ нанамудааст, озод наменамояд.

**7. Ҳалли баҳсҳо**

7.1. Ҳамагуна баҳсу ихтилофотҳоеро, ки байни тарафҳо дар доираи шартномаи мазкур имкони ба вуқуъ омаданро доранд, "Тарафҳо" мекӯшанд аз тариқи гуфтушуниди мусолиҳатомез ҳал намоянд.

7.2. Агар дар давоми 30 (си) рӯз аз лаҳзаи гуфтушуниди аввалин тарафҳо, дар хусуси ихтилофоти назари пайдошуда, ба мувофиқа омада натавонанд, онгоҳ онҳо ҳаҚ доранд, барои ҳалли баҳси пайдошуда ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намоянд.

**8. Ҷавобгарии тарафҳо**

8.1. Дар сурати аз тарафи "Фармоишгар" дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ ошкор намудани камбудиҳои асоснокшуда, "Иҷрокунанда" вазифадор аст бо талаби "Фармоишгар" ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро аз нав таҳия намояд ва ба "Фармоишгар" зарари вобаста ба ин расонидашударо ҷуброн намояд.

8.2. Дар ҳолати аз тарафи "Иҷрокунанда" иҷро накардани ӯҳдадориҳои дар банди 8.1. шартномаи мазкур нишондодашуда, "Фармоишгар" ҳуқуқ дорад, аз "Иҷрокунанда" талаб намояд, ки аз ҳисоби худаш барои ислоҳ намудани корҳои бо сифати номатлуб иҷрошуда ташкилоти дигареро ҷалб намояд.

8.3. "Иҷрокунанда" барои вайрон кардани ӯҳдадориҳои шартномавии худ ба "Фармоишгар" дар чунин ноустуворона карда менамояд:

- барои зиёда аз 10 (даҳ) рӯз ба таъхир андохтани мӯҳлати иҷрои корҳо, пеня дар ҳаҷми 0,1 % аз нархи шартнома, барои ҳар як рӯзи ба таъхирандозӣ;
- барои вайрон кардани талаботҳои меъёру қоидаҳои сохтмонии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сифати дахлдори ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ - ҷарима дар ҳаҷми 10% аз арзиши шартнома.

8.4. "Иҷрокунанда" барои камбудиҳои ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ, аз ҷумла он камбудиҳое, ки дар натиҷаи ҷараёни иҷрои корҳо, инчунин дар ҷараёни истифодаи объекти дар асоси ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ таҳия гардида, ошкор шудаанд масъулият дорад.

8.5. Пардохти ҷарима, инчунин ҷуброни зиёни расонидашуда Тарафҳоро аз иҷрои ӯҳдадориҳояшон дар шакли асл озод намекунад.

8.6. Маблаги умумии ноустуворона, ки ҳар кадоме аз тарафҳо дар алоҳидагӣ барои вайрон кардани ӯҳдадориҳои шартномавии худ мепардозад, дар маҷмӯъ аз 20%-и арзиши умумии шартномаи мазкур баландтар буда наметавонад.

**9. Бекор кардани шартнома**

9.1. "Фармоишгар" дар чунин ҳолатҳо **ҳуқуқ** дорад шартномаро ба таври яктарафа бекор намояд:

- зиёда аз 10 (даҳ) рӯз, ба таъхир андохтани оғози корҳо оид ба тайёрнамоии ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ аз тарафи "Иҷрокунанда", бо сабабҳое, ки барои онҳо "Фармоишгар" ҷавобгар нест;
- ҳангоми аз тарафи Иҷрокунанда иҷро накардан ва ё иҷрои номуносиби ӯҳдадориҳои шартномавӣ.

**10. Муқаррароти хотимавӣ**

10.1. Ҳамагуна созиши байни тарафҳо, ки ҳолатҳои навро муқаррар мекунанд ва дар шартномаи мазкур пешбинӣ нашудааст, дар сурате боэътибор дониста мешаванд, ки дар шакли хаттӣ, ҳамчун созишномаи иловагӣ ба шартномаи мазкур тартиб дода шуда, аз ҷониби "Тарафҳо" бо гузоштани имзо ва муҳр тасдиқ, гардида бошад.

10.2. Ҳамаи замимаҳои шартнома қисми ҷудонашавандаи онро ташкил медиҳанд.

10.3 Тарафҳо ӯҳдадоранд дар хусуси тағйир ёфтани суроғаи ҳуқуқӣ, рақамҳои телефон, телефакс на дертар аз панҷ рӯзи тағйир ёфтани онҳо, тарафи дигарро огоҳ созанд.

10.4. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расонидани он ба қувваи амал даромада, то иҷрои пурраи ӯҳдадориҳои Тарафҳо амал менамояд.

10.5. Шартномаи мазкур дар шаҳри Душанбе, дар 3 (се) нусхаи ҳаммонанд бо забони тоҷикӣ таҳия гардида, аз лаҳзаи ба имзо расидани он аз ҷониби "Тарафҳо" қувваи амал пайдо менамояд ва ҳарсе нусхаи он қувваи баробари ҳуқуқӣ доранд.

10.6. Нисбати дигар холатҳое, ки дар шартномаи мазкур пешбинӣ нагардидаанд, муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

Замимаҳо:

1. Харҷнома;
2. Нусхаи иҷозатнома.

Суроға ва реквизитҳои тарафҳо:

| Фармоишгар: | Иҷрокунанда: |
|---|---|
| **ҶСК "Барқи Тоҷик"**<br>с/ҳ 20202972600336101000<br>с/м 20402972316264<br>БИК 350101626<br>РМА 040000011<br>ДХ БДА "Амонатбонк"-и ҶТ дар ш.Душанбе | **ҶДММ "Лоиҳаи сохтмони аср"**<br>с/ҳ 20202972000168102000<br>с/м 20402972316264<br>БИК 350101626<br>РМА 030031066<br>Филиали №2 "Амонатбонк" дар ш. Душанбе |

Директори генералӣ: _____/М. Асозода.

Директор: _____/ М. Рахмонов